«ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ»
Ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ
_______________ Амонзода И.Т.
«15» ____02________ соли 2024

**ТАҚРИЗИ**
**муассисаи тақриздиҳанда – Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ба диссертатсияи Муллоботур Муллобаҳодур дар мавзуи «Ифротгароии динӣ: шаклҳо ва сабабҳои пайдоиши он дар ҷомеаи тоҷикистонӣ (таҳлили фалсафӣ-иҷтимоӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ (илмҳои фалсафӣ)**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Муллоботур Муллобаҳодур дар мавзуи «Ифротгароии динӣ: шаклҳо ва сабабҳои пайдоиши он дар ҷомеаи тоҷикистонӣ (таҳлили фалсафӣ-иҷтимоӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ (илмҳои фалсафӣ) пешниҳод шудааст, бо шиносномаи ихтисоси илмии 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми феврали соли 2022, таҳти №38 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқат менамояд.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Ифротгароии динӣ ҳамчун идеологияи иртиҷоӣ ва ғояҳои бесуботкунандаи ҷомеа дар зери таъсири омилҳои гуногун ба вуҷуд омада, ҳамчун як мушкили умдаи иҷтимоии аксар аз кишварҳои ҷаҳон гардидааст. Дар шароити кунунӣ, ҳар як ҷомеа метавонад, бо падидаи ифротгароии динӣ рӯ ба рӯ шавад ва онро бояд аз лиҳози осебпазирии баданаи иҷтимоии ин кишвар баррасӣ намуд. Азбаски пайдоиши ин падида сабаби ягона надорад, пас зарурате ба миён меояд, ки онро ҳамаҷониба бояд таҳқиқ кард. Айни ҳол гуфтан мумкин аст, ки ин масъала хусусияти байнифаннӣ гирифта, онро файласуфон, ҳуқуқшиносон, фарҳангшиносон, сиёсатшиносон ва намояндагони илмҳои дигари гуманитарӣ низ метавонанд таҳқиқ намоянд. Масъалаи мазкурро дар фалсафаи иҷтимоӣ бояд вобаста ба мавқеи иҷтимоию ғоявии экстремистон ва ҳадафҳои сиёсию идеологии онҳо шарҳу тавзеҳ дод. Яъне, муайян намудани оқибатҳои иҷтимоии ин падида, таъсири он ба суботи иҷтимоию сиёсӣ ва устувории системаи иҷтимоию сиёсии ҷомеа бояд дар мадди аввал гузошта шавад. Аз ин рӯ, дар мавриди мубрамияти мавзуи диссертатсия ҳеҷ шакку шубҳае вуҷуд дошта наметавонад ва он таҳқиқоти саривақтӣ, муҳим ва дорои аҳамияти назариявию амалӣ мебошад. Гузашта аз ин, тӯли солҳои охир

Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бо таҳдиду хатари ифротгароии динӣ рӯ ба рӯ шудааст. Дар шароити имрӯза созмонҳои ифротгаро ва тундгаро тавассути таблиғӣ ғояҳои иртиҷоии худ як зумра ҷавононро мағзшӯӣ намуда, бо роҳи фиреб ба доми худ афтонинад. Чунин ҳолат бори дигар водор менамояд, ки роҳу усулҳои пешгирии ин зуҳурот бо назардошти хусусиятҳои ташаккулёбии ифротгароии динӣ ҳамаҷониба таҳқиқ карда шавад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он.** Дар шароити кунунии давлатдорӣ пешгирӣ намудани хавфу хатари ифротгароии динӣ яке аз масъалаҳои муҳими таъмини суботи сиёсӣ ва оромии ҷомеа ба шумор меравад. То ба имрӯз аз ҷониби олимони зиёд паҳлуҳои гуногуни ин масъала таҳқиқ гардидаанд. Аммо таҷрибаи мубориза бо ифротгароии динӣ ва таҳаввулоти зоҳиршавии ин падида нишон медиҳад, ки барои ба амал баровардани чорабиниҳои пешгирикунандаи таъсири ифротгароии динӣ ва инчунин коҳиш додани хавфу хатари он дар навбати аввал шаклҳои зоҳиршавӣ ва сабабҳои пайдоиши ин зуҳурот бояд омӯхта шаванд. Дар таҳқиқоти довталаб сабабҳо ва заминаҳои пайдоиши ифротгароии динӣ ҳамчун шакли махсуси ҳаракати ифротӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон мақсади пажуҳишро ташкил медиҳад. Муаллиф дар заминаи амалӣ намудани мақсади таҳқиқоти худ кӯшиш намудааст, ки роҳу усулҳои мубориза бо ифротгароии диниро пешниҳод намояд. Таҳлили баррасии мазмуну мундариҷаи диссертатсия шаҳодат аз он медиҳад, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ аз ӯҳдаи ин кор баромадааст. Зеро ҳамаи масъалаҳои таҳқиқгардида ба хотири исбот намудани фарзияи рисолаи диссертатсия анҷом пазируфтаанд. Аз ин рӯ, бо боварии комил гуфтан мумкин аст, ки довталаб тавонистааст, дар таҳқиқоти худ мавҷудияти проблемаи нави илмиро дар шакли алоқаҳои сабабию натиҷавӣ (каузалӣ) бо методологияи хоси худ асоснок намояд ва ҷиҳати пажуҳиши минбаъдаи он заминагузорӣ кунад.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Дар диссертатсияи мазкур навгонии илмии таҳқиқот дар шаш банди ҷудогона муайян гардидааст, ки онҳо ҳамзамон натиҷаҳои таҳқиқоти муаллифро ифода менамоянд. Чунончӣ, дар таҳқиқоти мазкур доираи васеи назарияҳои фалсафӣ таҳлилу баррасӣ гардида, дар заминаи омӯзиши онҳо моҳияти "ифротгароӣ" ва "ифротгароии динӣ" нишон дода шудааст. Инчунин муаллиф бо назардошти дигаргуншавии вазъияти иҷтимоию сиёсии замони муосир хусусиятҳои бевоситаи зуҳуроти мазкурро муайян намудааст. Дар таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф сарчашмаҳои асосии пайдоиш ва рушди ифротгароии динӣ таҳлилу баррасӣ гардида, хусусиятҳои ифротгароии динӣ ҳамчун таҳдид аз дигар шаклҳои ифротгароӣ ошкор карда шудааст. Омилҳои бавуҷудоварандаи ифротгароии динӣ гурӯҳбандӣ гардида, мавриди омӯзиш ва таҳлили илмӣ-фалсафӣ қарор дода шудаанд. Дар ин маврид муаллиф ба хулосае меояд, ки пайдоиши ифротгароии динӣ сабабҳои гуногун дорад ва зери таъсири омилҳои мухталиф ба амал меояд. Инчунин муаллиф ба омӯзиши роҳу воситаҳои мубориза бо ифротгароии динӣ машғул гардида,

хусусиятҳои иҷтимоӣ, ғоявию идеологӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, фарҳангӣ ва маънавии чунин муборизаро дар мисоли ҷомеаи Тоҷикистон нишон додааст. Барои натиҷабахш гардидани мубориза бо ифротгароии динӣ, муаллиф тавсияҳои амалӣ пешниҳод намудааст. Ба андешаи муаллиф, корҳои фаҳмондадиҳӣ ва ба роҳ мондани маърифати илмӣ аз дин дар кишварҳои тозаистиқлол яке аз роҳҳои муассири мубориза бо ин зуҳуроти манфӣ ба ҳисоб меравад, зеро аксарияти одамон дар асоси надонистани консепсияҳои асосии динӣ ба ҳаракату ҷараёнҳои ифротӣ пайваст мешаванд. Асоснок карда шудааст, ки пешомади ифротгароии динӣ аз интихоби дуруст ва саривақтии роҳу воситаҳои мубориза, ки ба маданияти мардум мувофиқ бошад, вобаста аст.

Дар боби якуми диссертатсия масъалаҳои назариявию методологии таҳқиқи ифротгароии динӣ ҳамчун категорияи илмӣ таҳлил гардида, мавқеи он дар низоми донишҳои илмии муосир нишон дода шудааст. Дар навбати аввал муаллиф дар заминаи омӯзиши адабиёти илмӣ моҳияти ифротгароии динӣ ва хусусиятҳои муҳимми онро нишон додааст. Муаллиф исбот менамояд, ки яке аз сарчашмаҳои моҷароангези равандҳои ҷамъиятӣ аз ифротгароии динӣ вобаста аст. Афзоиши ин зуҳуроти номатлуб ҳолати моҷароии ҷомеаро ба муддати тӯлонӣ нигоҳ медорад. Дар робита бо ин масъала дар идомаи боби якум сабабҳо ва омилҳои бавуҷудоварандаи ифротгароии динӣ таҳлил гардида, роҳу усулҳои муайян намудани сарчашмаҳои пайдоиши ин зуҳурот пешниҳод гардидааст. Дар ин замина муаллиф як қатор омилҳоеро таҳлил намудааст, ки онҳо сабаби паҳншавии ғояҳои ифротгароии динӣ мегарданд ва ба низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ таъсири манфӣ мерасонанд.

Дар боби дуюми диссертатсия оқибатҳо ва пайомадҳои манфии ифротгароии динӣ таҳлил гардида, роҳу усулҳои мубориза бо ин зуҳурот таҳқиқ гардидаанд. Дар қисми аввали ин боб таҳдиду хатари ифротгароии динӣ ва таъсири онҳо ба равандҳои сиёсию иҷтимоӣ нишон дода шуда, ҳар яки онҳо дар алоҳидагӣ таҳлил мегарданд. Бо назардошти чунин вазъ муаллиф фишангҳои гуногуни пешгирӣ намудани таъсири ифротгароии диниро нишон додааст. Аз ҷумла, механизмҳои ҳуқуқӣ, воситаҳои арзишӣ ва маънавии мубориза бо ифротгароии динӣ, тарғибот ва пешбурди корҳои маърифатӣ, аз байн бурдани мушкилиҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва ғ. Дар ин боб муаллиф ифротгароии диниро ҳамчун заминаи асосии ба вуҷуд омадани зуҳуроти терроризм муаррифӣ кардааст. Дар ин қисми таҳқиқот аз ҷониби ташкилотҳои террористию экстремистӣ истифода шудани шабакаҳои интернет ва таблиғи ғояҳои тундгароию ифротгароӣ хеле муфассал таҳлил шудаанд. Ҳамаи инро ба инобат гирифта, экстремизм ва терроризм падидаҳои бо ҳам алоқаманд додиста мешаванд ва таҳдиди воқеӣ ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон муаррифӣ мегарданд. Бо назардошти хусусиятҳои тавсеаи ифротгароии динӣ пешомади инкишофи ин зуҳурот ва дурнамои муқовимат бо онро нишон додааст. Муаллиф муътақид аст, ки пешомади инкишофи ифротгароии динӣ ва пешгирӣ намудани таъсири манфии он аз сатҳу сифати мубориза бо ин зуҳурот вобастагии зиёд дорад.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои асосии таҳқиқот ҷамъбаст гардида, барои истифодаи амалии натиҷаҳои мазкур тавсияҳои амалии муаллиф пешниҳод шудаанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо он асоснок мегардад, ки дар рисолаи мазкур дар таҳқиқи масъала муаллиф методҳои илмии фалсафиро дар сатҳи зарурӣ истифода намуда, адабиёти ба мавзуъ дахлдоштаро таҳлилу баррасӣ кардааст. Хулосаҳои муаллиф бо далелҳои илмию назариявӣ ва дар заминаи таҳлили равандҳои ҷамъиятӣ асоснок карда шудаанд. Ҷанбаҳои назариявии мавзуъ дар сатҳи зарурӣ таҳқиқ гардидааст. Муаллиф тавонистааст, ки моҳият, хусусият ва сабабҳои пайдоиши ифротгароии диниро нишон диҳад. Дар раванди таҳқиқот барои омӯзиши рафтори ифротгароӣ ва хусусиятҳои зоҳиршавии ин падида муаллиф методҳои илмиро ба таври васеъ истифода намудааст. Методҳои илмии истифодашуда ба муаллиф имконият додаанд, ки объекти таҳқиқот – ифротгароии диниро ба таври комплексӣ таҳқиқ намояд. Методҳои илмии аз ҷониби довталаб истифодагардида дар илмҳои фалсафӣ, бахусус дар фалсафаи иҷтимоӣ мавқеи муҳимро ишғол менамоянд. Мувофиқати методҳои истифодашуда бо мавзуи таҳқиқотӣ арзиши илмии диссертатсияро баланд намудаанд. Дар раванди гузаронидани таҳқиқот асарҳои илмӣ ва корҳои таҳқиқотии олимони хориҷӣ ва ватанӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шудаанд. Махсусан, барои возеҳу равшан намудани моҳият ва хусусиятҳои ифротгароии динӣ, нишон додани сабабҳо ва омилҳои пайдоиши онҳо сарчашмаҳои гуногуни назариявию эмпирикӣ истифода бурда шудаанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқот.** Хулосаҳо ва натиҷаҳои асосии диссертатсия барои таҳқиқи минбаъдаи ифротгароии динӣ аҳамиятнок аст. Маводи таҳқиқот барои ташаккули ҷаҳонбинии назариявии муҳаққиқони ҷавон ва онҳое, ки ба омӯзиши ин масъала машғул мегарданд, хеле муҳим мебошад. Ҳарчанд ифротгароии динӣ то ба имрӯз аз ҷониби олимони зиёд таҳқиқ гардида бошад ҳам, дар диссертатсияи мазкур ин мавзуъ бо назардошти дигаргуниҳои иҷтимоии солҳои охир таҳқиқ гардидааст. Дар раванди таҳқиқот доираи васеи адабиёти илмӣ ва сарчашмаҳои иттилоотӣ истифода гардидаанд, ки ҷанбаҳои назариявии таҳқиқотро пурраву мукаммал мегардонанд. Маводи диссертатсия дар раванди таълими фанҳои амнияти миллӣ, сотсиология ва диншиносӣ, инчунин дар таҳияи барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии фанҳои мазкур метавонад истифода бурда шаванд. Инчунин арзиши назариявии натиҷаҳои таҳқиқот бо он асоснок карда мешаванд, ки хулосаҳо ва баррасиҳои муаллиф дар заминаи таҳлили назарияҳои илмӣ ва назарияҳои сиёсӣ анҷом дода шудаанд, ки дар самти коркарди консептуалии масъалаи ифротгароии динӣ хеле муҳим мебошанд. Тавсияҳои муаллиф оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот бо назардошти доираи васеи масъалаҳо таҳия шудаанд ва барои пешгирӣ намудани ифротгароии динӣ ҳалли онҳо тақозо карда мешаванд. Натиҷаҳо ва хулосаҳои диссертатсияро барои такмили стратегияи мубориза бо терроризм ва экстремизм дар солҳои минбаъда истифода

намудан мумкин аст. Ғайр аз ин, хулосаҳои муаллиф ва тавсияҳои амалии он метавонанд дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати пешгирии зуҳуроти ифротгароии динӣ истифода бурда шаванд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ вобаста ба мавзуи диссертатсия 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр намудааст. Инчунин натиҷаҳои таҳқиқоти муаллиф дар панҷ конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ маъруза шудаанд. Дар интишороти довталаб натиҷаҳои асосии таҳқиқот, хулосаҳо ва тавсияҳои амалии ӯ инъикоси худро ёфтаанд. Автореферат ва корҳои илмие, ки доир ба мавзуи таҳқиқотӣ чоп гардидаанд, мазмуни асосии таҳқиқоти диссертатсиониро ба таври зарурӣ инъикос менамоянд.

Ҳамзамон қайд намудан зарур аст, ки дар диссертатсияи мазкур дар баробари муваффақиятҳо инчунин баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд:

1. Дар охири зербобҳо муаллиф хулосаҳои худро ба таври мухтасар таҳия намудааст. Хуб мебуд агар хулосаҳои муаллиф дар охири ҳар зербоб каме муфассалтар натиҷагирӣ мешуданд.

2. Маълум аст, ки яке аз сарчашмаҳои асосии паҳншавии ғояҳои ифротгароии динӣ дар шароити имрӯза шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ мебошанд. Агар дар рисолаи мазкур масъалаи номбаргардида дар доираи зербоби алоҳида таҳқиқ мегардид, мазмуну муҳтавои диссертатсия боз ҳам хубтар мешуд.

3. Тавсияҳои амалии муаллиф ба таври мухтасар таҳия шудаанд. Довталаб бояд тавсияҳои худро каме васеътар шарҳ медод ва онҳоро бо далелҳо асоснок менамуд.

Аммо дар маҷмуъ, гуфтан мумкин аст, ки норасоиҳои мазкур ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия таъсири ҷиддӣ расонида наметавонанд ва арзиши илмии таҳқиқотро коҳиш намедиҳанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Муллоботур Муллобаҳодур дар мавзуи «Ифротгароии динӣ: шаклҳо ва сабабҳои пайдоиши он дар ҷомеаи тоҷикистонӣ (таҳлили фалсафӣ-иҷтимоӣ)» бо риояи талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият дароварда шудааст. Диссертатсия аз рӯйи мубрамият ва сатҳи таҳияи худ ба талаботи бандҳои 31-33 Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад. Дар муқаддимаи диссертатсия ҳамаи бандҳои пешбинишуда мавҷуданд, номгӯи адабиёт ва сарчашмаҳои истифодашуда тибқи муқарраротӣ расмӣ таҳия шудаанд. Матни диссертатсия бо риояи қоидаҳои сарфу наҳви забони тоҷикӣ таҳия гардидааст. Автореферати диссертатсия мазмуну мундариҷаи пурраи таҳқиқотро дар бар мегирад. Мавзуи диссертатсия, мазмуну муҳтавои он бо ихтисоси илмии 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ мутобиқат менамояд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Муллоботур Муллобаҳодур дар мавзуи «Ифротгароии динӣ: шаклҳо ва сабабҳои пайдоиши он дар ҷомеаи тоҷикистонӣ (таҳлили фалсафӣ-иҷтимоӣ)» ба яке аз мавзуъҳои мубрами замони муосир бахшида шуда, аз рӯйи мазмуну мундариҷа таҳқиқоти илмии мустақилона иҷрогардида ба шумор меравад. Бо назардошти гуфтаҳои боло хулоса намудан мумкин аст, ки муаллифи диссертатсия сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ мебошад.

Тақризи мазкур дар маҷлиси кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон муҳокима гардида, тасдиқ шудааст (аз 13.02.2024, протоколи №7).

Дар маҷлис 16 нафар, ки аз онҳо 1 нафар докторон ва 7 нафар номзадҳои илм, 6 нафар муаллими калон ва 2 нафар ассистент, иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «ҷонибдор» - 16 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

Раиси маҷлис:
Номзади илмҳои фалсафа, дотсент _______________ Г.Р. Сайдуллоева

Котиби ҷаласа:
Номзади илмҳои фалсафа, дотсент _______________ Н.Р. Арифджанова

Омодасози лоиҳаи тақриз:
Мудири кафедраи фанҳои
гуманитарии Донишгоҳи
технологии Тоҷикистон,
номзади илмҳои фалсафа, дотсент _______________ И.У. Шарифов

Имзоҳои Сайдуллоева Г.Р., Арифджнова Н.Р. ва Шарифов И.У.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи технологии Тоҷикистон
_________________________ Н.А. Бухориев

14.02.2024

Суроғаи муассисаи тақриздиҳанда:
734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев, 63/3.
Тел.: +992 (37) 234-79-87
E-mail: rectorat-tut@mail.ru